ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Масъалаи мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити муосир яке аз мавзуъҳои мубрами педагогикаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Тағйироти куллии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид гардидани технологияҳои нави таълим ва афзоиши талаботи ҷомеа ба мутахассисони касбан тайёр аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳи бештаре ба масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум талаб менамояд. Давраи аввали таҳсил дар донишгоҳ барои шахсияти ҷавон аз бисёр ҷиҳат ҳалкунанда мебошад - маҳз дар ин марҳила асосҳои касбии оянда ва малакаҳои иҷтимоии шахсият ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертантро комилан асоснок ва саривақтӣ метавон арзёбӣ намуд.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар механизмҳои самараноки дастгирии мутобиқшавии донишҷӯён ба таври кофӣ коркард нагардидаанд ва байни талаботи муҳити нави таълимӣ ва омодагии воқеии донишҷӯёни курси якум ихтилоф ҷой дорад. Ин ихтилоф заминаи асосии проблемаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат мекунад. Дар кор муаллиф хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёнро ба таври ҳамаҷониба баррасӣ намуда, модели методии таълими фанҳои педагогӣ оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, инчунин шароитҳои педагогии таъмини

мутобиқшавии муваффақро пешниҳод кардааст. Хулосаҳои назариявӣ бо маводи озмоиши педагогии дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии шаҳри Душанбе гузаронидашуда мустаҳкам гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни кор аз муайян намудани вазифаҳои таҳқиқ, коркарди модели методии таълим, таҳияи барномаи дастгирии педагогии донишҷӯёни курси якум, гузаронидани озмоиши педагогӣ ва таҳлилу коркарди натиҷаҳои бадастомада иборат мебошад.

Аз ҷиҳати методологӣ низ таҳқиқоти мазкур дорои пайдарҳамӣ ва мантиқи муайян мебошад. Муаллиф масъалаи мавриди омӯзишро аз таҳлили заминаҳои назариявӣ оғоз намуда, сипас ба муайян намудани омилҳо, шароитҳо ва механизмҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён гузаштааст. Чунин тартиби таҳқиқ имкон додааст, ки байни қисми назариявӣ ва озмоишии диссертатсия робитаи мантиқӣ таъмин гардида, хулосаҳои пешниҳодшуда на танҳо хусусияти тавсифӣ, балки асоснокии илмӣ пайдо намоянд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар таҳқиқот ба нақши фаъоли худи донишҷӯ дар раванди мутобиқшавӣ низ аҳамият дода шудааст. Мутобиқшавии муваффақ танҳо натиҷаи таъсири муҳити таълимӣ ё фаъолияти омӯзгорон набуда, балки ба қобилияти донишҷӯ барои худтанзимкунӣ, ташкили мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, баркарор намудани муносибатҳои солим бо ҳамкурсону омӯзгорон ва қабули масъулияти шахсӣ вобастагӣ дорад. Баррасии масъала аз чунин мавқеъ мазмуни таҳқиқотро ғанӣ гардонида, онро ба талаботи муосири таҳсилоти шахсиятмеҳвар наздик менамояд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант инчунин метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи барномаҳои махсуси мутобиксозии донишҷӯёни навқабул, такмили фаъолияти кураторони гурӯҳҳои академӣ ва ташкили низоми пайгирии ҳолати иҷтимоию педагогии донишҷӯён истифода шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодашуда на танҳо барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси илмӣ, балки барои такмил додани фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ дорои имконияти васеи татбиқ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо ҷой доранд:

1. Хуб мешуд, ки дар автореферат таҷрибаи байналмилалии ташкили дастгирии мутобиқшавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафта бештар инъикос меёфт.

2. Дар автореферат баъзе норасогиҳои хусусияти техникӣ ба назар мерасанд, ки дар нусхаи ниҳоӣ бартараф карда шаванд.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои қайдшуда хусусияти ҷузъӣ дошта, сифати илмии автореферати мазкурро коста намегардонанд.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ таҳқиқоти муҳими илмӣ ба шумор рафта, аз рӯйи мубрамии мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ахмедова М.С.

Имзои Ахмедова М.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17, Тел.: +992 (37) 221-77-11. E-mail: info@tnu.tj; 03.10.2026

03.10.2026